## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Раванди босамари роҳсозӣ дар пешрафти иқтисод ва фаъолияти соҳибкорӣ нақши бориз дорад. Гарчанде дар солҳои охир фаъолияти соҳибкорон, дар ин самт густариш, маблағгузорӣ афзоиш ёфта ва кори ширкатҳои сохтмонӣ пурзӯр шудааст, мушкилоти зиёде ҳанӯз боқист, ки ҳалли онҳо ба ислоҳоти қонун ниёз дорад. Аз ҷумла, бояд ҳолати ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард мушаххас шавад, роҳҳои автомобилгард ашёи манқуланд ё ғайриманқул, ҷузъи маҷмӯи ягонаи инфрасохтор ҳастанд ё объекти хаттӣ? Оё роҳҳо метавонанд ба моликияти хусусӣ гузаранд ва тартиби идоракунии онҳо чӣ гуна бояд бошад? Ин саволҳо то ҳол беҷавоб мондаанд.

Масъалаи дигар, мутобиқати роҳҳо ба талаботи иқтисоди бозор аст. Имрӯз, ширкатҳои ғайридавлатӣ дар соҳаҳое, ки қаблан танҳо дар дасти давлат буданд, нақши муҳим доранд ва дар рушди иқтисод саҳми онҳо назаррас аст. Дар бахши роҳсозӣ низ фаъолияти онҳо афзоиш ёфтааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки нигоҳдории роҳҳо аз ҷониби ташкилотҳои хусусӣ, ҳатто агар пулакӣ бошад, барои ҳар ду ҷониб судманд аст ва талабот ба чунин ширкатҳо нисбат ба муассисаҳои давлатӣ бештар мешавад.

Замин ҳамчун моликияти давлат бояд ба таври мақсаднок истифода шавад ва яке аз самтҳои муҳими он бунёди роҳҳои автомобилгард аст, ки ба манфиати мардум хидмат мекунад.

Сиёсати давлатӣ ва адабиётҳои ҳуқуқӣ собит месозанд, ки замин дар оянда низ ҳамчун моликияти истисноии давлат, тавре ки дар Конститутсияи ҶТ омадааст, боқӣ хоҳад монд. Бо вуҷуди ин, қонунгузорӣ роҳҳои мухталиферо барои кафолати истифодаи замин ба манфиати мардум пешниҳод мекунад. Яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятнок дар истифодаи захираҳои замин бунёди роҳҳои автомобилгард, эътироф шудааст. Дар ин замина, омӯзиши ҳолати ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард аҳамияти торафт бештар пайдо мекунад.

Корҳо тибқи шартномаи паймонкорӣ бояд ба шартҳои шартнома мутобиқ бошанд ва дар ҳолати мавҷуд набудани чунин шартҳо: ба талабот ва меъёрҳои маъмулӣ, ки нисбат ба корҳои ҳаммонанд татбиқ мегарданд, ҷавобгӯ бошанд. Натиҷаи корҳо бояд барои истифода дар муҳлати оқилона мувофиқ буда, ба мақсадҳои шартнома мутобиқат намояд. Паймонкори соҳибкор вазифадор аст талаботи ҳатмии меъёрии ҳуқуқиро риоя намояд ва ҳамзамон ҳуқуқ дорад уҳдадорӣ оид ба иҷрои корҳо бо сифати баландтарро ба зимма гирад. Ҷавобгарии молумулкии тарафҳо бояд таъсири сифати масолеҳ, ҳуҷҷатгузорӣ ва дараҷаи тахассуси иҷрокунандагонро ба назар гирад.

Масъалаи сохтмони роҳҳои автомобилгард яке аз мушкилотҳои давлат

ва ҷомеаи имрӯза, махсусан илм ва қонунгузории соҳибкорию маданӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд, тайи солҳои охир қонунгузорӣ дар самти мазкур дар ҳоли инкишоф аст, аммо боз ҳам меъёрҳои падидаи мазкур гуногун муқаррар шуда, дар баъзе мавридҳо такрорёбӣ ва ихтилофотҳо ба назар мерасанд. Омили мазкур боиси ба таври дахлдор инкишоф наёфтани танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ва амалӣ намудани ин падида мегардад. Таҳлили амиқи илмии падидаи мазкур метавонад, мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаро бартараф намояд.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ қабул гардидани чандин барнома, консепсия ва стратегияҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки Ҳукумати кишвар дар ин масъалаҳо диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд. Сарфи назар аз ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти ҳуқуқии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд баъзе аз таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маърӯза ва дигар навъи пажуҳиши илмӣ рӯйи кор омада бошад, ҳам онҳо ба таври умум масъалаи мазкурро ифода наменамоянд. Аз ин рӯ аз нигоҳи ҳуқуқӣ, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Султонзода Шоҳкарим Султон соли 2012 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ дохил шуда, онро соли 2017 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ хатм намудааст.

Аз соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба ҳол фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 25.04.2018, №180-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 19.02.2024, №63-05-05 хатм намудааст.

Кори диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон аз муқаддима, 3 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Боби аввали диссертатсия** бо унвони «Тавсифи умумии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» номгузорӣ шуда, дар доираи он нахуст аз тарафи муаллиф масъалаи таҳлили назариявӣ, ҳуқуқӣ ва сохтории муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард бахшида шуда, моҳият ва ҷанбаҳои асосии ташаккули ин муносибатҳо мавриди баррасии илмӣ қарор мегиранд. Муайян карда мешавад, ки муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин соҳа маҷмӯи муташаккили робитаҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки дар марҳилаҳои сабти давлатӣ, оғози фаъолият, иҷозатдиҳӣ, амалисозии корҳои сохтмонӣ, назорати давлатӣ ва супоридани объект ба истифода ба вуҷуд омада, тағйир ёфта ва қатъ мегарданд.

Рисоланавис иброз менамояд, ки таҳлил намудан аз нигоҳи таърихӣ имкон медиҳад, ки таърихи гузаштагони мо, ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҷрибаи ҳуқуқофарии онҳо оид ба сохтмони роҳҳои автомобилгард ошкор карда шавад. Дар баробари ин аҳамияти падидаи мазкур дар замони муосир ва нақши он дар рушди ҷомеа дарк гардида, роҳу воситаҳои такмили ин падида муайян карда мешавад.

Ҳамзамон аз тарафи муаллиф мафҳум, хусусият ва ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар боби мазкур мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар он мафҳуми «фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» ва таносуби он бо дигар мафҳумҳои шабеҳ ва мафҳуму хусусиятҳои шартномаи паймонкорӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар ин асно, таҳқиқбаранда нахуст ба истифодабарии дурусти истилоҳҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард таваҷҷуҳ намуда, мафҳумҳои «фаъолияти соҳибкорӣ дар ин бахш», «танзими давлатӣ», «инкишофи қонунгузорӣ», «кафолати сифат» ва ғайраро бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунанда баррасӣ кардааст.

Дар баробари ин, бо дарназардошти маҳакҳои гуногун аз тарафи муаллиф таснифбандии роҳҳои автомобилгард анҷом дода шудааст, ки ин метавонад таҳқиқоти илмиро боз ҳам пурратар намояд.

Зимнан, муаллиф бо истифода аз таҳлили адабиёти илмӣ, қонунгузории маданӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард заминаҳои таърихии пайдоиш ва мафҳуму хусусиятҳои сохтмони роҳҳои автомобилгардро пешниҳод намудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия «Танзими шартномавии муносибатњои молумулкӣ дар бахши сохтмони роњњои автомобилгард» ном дошта, фарогири таҳлили мавзуъ, тарафҳо, нарх, шакл ва бақайдгирии давлатии шартномаи паймонкорӣ мебошад.

Ба андешаи муаллиф дар замони муосир шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ҳамчун механизми танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар аксарияти муомилоти ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ истифода гардида, бо мақсади қонеъ намудани талаботу манфиат ва бартараф кардани эҳтиёҷоти субъектони ҳуқуқи маданӣ истифода карда мешавад.

Аз таҳлили қонунгузории кишвар ва адабиёти илмӣ маълум гардид, ки шартномаи паймонкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард бо шартномаҳои консессионӣ, хариду фурӯш ва хизматрасонӣ алоқамандии зич дорад, зеро аломатҳои шартномаҳои номбаршударо метавон дар шартномаи паймонкорӣ пайдо намуд. Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард бо доштани хусусиятҳои худ аз шартномаҳо болозикр фарқ мекунад, ки ҳар яки онҳо дар таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф таҳлил карда шудааст.

Нақши калидӣ ва моҳияти шартномаи паймонкориро ҳамчун абзори асосии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои молумулкӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор мегирад. Дар шароити гузариши иқтисоди миллӣ ба модели бозорӣ, ин намуди шартнома ба яке аз воситаҳои муҳими

муомилотӣ ва ташкилӣ табдил меёбад, зеро маҳз тавассути он тартиб, ҳаҷм, сифат, муҳлат ва арзиши корҳои сохтмонӣ ба таври возеҳ ва ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки шартномаи паймонкорӣ, тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишест, ки дар он паймонкор уҳдадор мегардад дар муҳлати муайян тибқи супориши фармоишгар объекти муайян, аз ҷумла иншооти роҳсозиро бунёд ё навсозӣ намояд. Фармоишгар бошад, бояд барои иҷрои корҳо шароити зарурӣ фароҳам орад, натиҷаро қабул кунад ва арзиши онро пардозад. Дар ҳамин робита, дар сохтмони роҳҳои автомобилгард, ин шартнома ҳамчун воситаи фундаменталӣ барои ба ҳам пайвастани манфиатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва техникии ҷонибҳо баромад мекунад.

**Боби сеюми** таҳқиқоти диссертатсионӣ «Ҷавобгарии тарафҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард» номгузорӣ шудааст.

Муаллиф баён медорад, ки ҷавобгарии молумулкӣ дар муносибатҳои паймонкорӣ аз табиати уҳдадориҳо сарчашма мегирад: иҷро накардан, таъхири иҷро, иҷрои ғайримуносиб, сифати пасти кор, ҳуҷҷатҳои нодуруст, истифодаи маводи пастсифат, иваз кардани ҳадафи лоиҳавӣ ва ғайра. Чи тавре ки муқаррар шудааст, ҷавобгарӣ дар шакли уҳдадориҳои иловагӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқ мегардад ва ҳадафи он барқарор намудани ҳуқуқи зарардида ва ҷуброни талафоти ба миёномада мебошад.

Муаллиф зикр мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ – маданӣ аз дигар воситаҳои таъсиргузории ҳуқуқӣ фарқ мекунад, зеро дар ин ҷо сухан дар бораи вогузоштани уҳдадориҳои нави молӣ, ҷаримаҳо, ҷуброни зарар ё фоизҳо меравад, на аз барқарорсозии моликияти айранат. Масалан, талаботи баргардондани қарз ҷавобгарӣ ҳисоб намешавад, дар ҳоле ки ҷуброни зарар , ҳамчун натиҷаи вайрон кардани ӯҳдадории шартномавӣ ҷавобгарии молумулкӣ мебошад.

Бекор кардани шартнома ва ё ин ки тағйир додани шартҳои шартнома аз иродаи тарафҳо вобастагӣ дорад. Бо талаби яке аз тарафҳо шартномаи паймонкорӣ метавонад пеш аз муҳлат бекор ё тағйир дода шавад. Ҳолатҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардан метавонад чи дар шартнома бо хоҳиши тарафҳо муқаррар карда шавад, агар тарафҳо дар шартнома ин асосҳоро дарҷ накарда бошанд, пас онҳо метавонанд тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ ё ба таври судӣ шартномаро бекор намоянд.

Хулоса ва пешниҳодҳои назариявӣ, амалӣ ва тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорие, ки дар рисола дарҷ ёфтаанд, барои муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ зарур буда, ҳамзамон барои такмили қонунгузории маданӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот, муаллиф амалияи мақомоти судӣ, мақомоти андоз ва корхонаю ташкилотҳои паймонкориро, ки барои такмил додани рисола аз ҷиҳати амалӣ зарур буд, ба таври фаррох мавриди омӯзиш ва истифода қарор додааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашгардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва
тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзозода П.З.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак,
Тел.: (+992) 907405550
Email: parvona.mirzoev@mail.ru

**Имзои П.З. Мирзозодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.
«12» 12 соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
Сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj